**Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.К0А - 017 назди Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (734024, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Айнӣ 44).**

# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ Умаров Ҳ.У.– доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, профессори кафедраи иқтисод ва идораи сайёҳии факултети молиявию иқтисодии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба диссертатсияи Изатуллои Ҳабибзод дар мавзуи « Самтҳои асосии устуворгардонии амнияти молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ҷаҳонишавӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D051000 – Иқтисодиёт ва идоракуиӣ тибқи самтҳои фаъолият (Амнияти иқтисодӣ).**

## I. Мутобиқати диссертатсия ба ихтисосҳо ва самтҳои илм

Мавзуи диссертатсия ба бандҳои зерини Шиносномаи феҳристи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D051000 – Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (Амнияти иқтисодӣ) мувофиқат мекунад: 12.1. Назарияи амнияти иқтисодӣ (категория, методология, усулҳо, механизмҳо ва абзорҳо); Типологияи амнияти иқтисодӣ; муҳимтарин аломатҳои тасниф (соҳавӣ, функсионалӣ, ниҳодӣ, минтақавӣ) ва абзорҳои танзими он; Арзишҳои ҳадди ниҳоии амнияти иқтисодӣ ва усулҳои муайян кардани онҳо; Таснифи таҳдидҳо ба амнияти иқтисодӣ дар соҳаҳои иқтисодиёт (истеҳсолӣ, иҷтимоӣ, молиявӣ, тиҷорати берунӣ, ҳарбӣ-саноатӣ ва ғайра); Механизмҳои пайдоиши ҳолатҳои буҳронӣ, ки сатҳи амнияти иқтисодиро коҳиш медиҳад ва тадбирҳои пешгирии онҳо; Механизмҳои ҳифзи манфиатҳои миллӣ дар соҳаи иқтисодиёт ва баланд бардоштани “захираи устуворӣ”-и нишондиҳандаҳои аввалияи (пороговых) амнияти иқтисодӣ; Манфиатҳои миллии мамлакат дар соҳаи иқтисодиёт ва баррасии онҳо ҳангоми ташаккули сиёсати иқтисодии давлат ва таҳияи дурнамои рушди иҷтимоию иқтисодӣ; 12.23. Муаммоҳои ҳамгироии Тоҷикистон дар хоҷагии ҷаҳонӣ ва амнияти иқтисодии он;

12.26. Таҷрибаи хориҷии баланд бардоштани амнияти иқтисодӣ (методҳо, механизмҳо, абзорҳо ва мутобиқшавии онҳо дар шароити Тоҷикистон).

## II. Мубрам будани мавзуи диссертатсия.

Новобаста аз оне, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони 32 соли соҳибистиқлолӣ, муваффақиятҳои беназирро дар самти устувории сиёсӣ ва иқтисодӣ ба воситаи ташкили равобити судманди иқтисодиву тиҷоратӣ бо аксари мамлакатҳои хориҷ, рушди ҳамгирой бо хоҷагии ҷаҳонӣ ва татбиқи сиёсати дарҳои боз ноил гардид, таъмини минбаъдаи суботи иқтисодиву сиёсӣ ба андозаи муайян ба устуворгардонии амнияти молиявии он алоқаманд аст. Махсусан дар шароити ҷаҳонишавӣ ҳангоми афзоиши узвияти мамлакат дар ташкилотҳои байналмилалии молиявӣ ва иқтисодӣ, озодкунии бозорҳои мол ва хизмат дараҷаи осебпазирии иқтисодиёти мамлакат ва соҳаҳои алоҳидаи он боло рафта, зарурати дарёфти роҳҳои нави таъмини амнияти молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистонро пеш меорад. Дар баробари ин имрӯз аксар қисматҳои бахши молияи мамлакат дар марҳилаи ташаккулёбӣ қарор доранд, ки таъмини рақобатпазирии онҳо, татбиқи тадбирҳои иловагиро дар самтҳи мақомоти танзимкунандаи соҳа тақозо менамояд.

Ҳамин тариқ рушди равандҳои ҷаҳонишавӣ ва ҳамгироии иқтисодии байналмилалӣ, авҷгирииии рақобат дар сатҳҳои гуногуни пешбурди хоҷагидорӣ, кушишҳо оид ба истифода бурдани таъсири ташкилотҳои байналмилалӣ ба манфиати давлатҳои алоҳида масъалаи таъмини амнияти молиявии мамлакатро мубрам мегардонад. Аз ин лиҳоз, таҳқиқи асосҳои илмӣ-назариявӣ ва амалии самтҳои асосии устуворгардонии амнияти молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ҷаҳонишавӣ муҳим арзёбӣ карда мешавад.

Вобаста ба мавҷудияти ин масъалаҳо, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот муайян карда шудаанд, ки аз омӯзиши ҷанбаҳои назариявию методии арзёбии таъсири ҷаҳонишавӣ ба амнияти молиявӣ ва асосноккунии роҳҳои

такмили суботи молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити озодкунии фаъолияти иқтисоди беруна иборат аст.

**III. Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуқтаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.**

Муаллифи кори диссертатсионӣ натиҷаҳои назарраси назариявӣ ва амалиро оид ба коркарди равишҳои консептуалии таъмини амнияти молиявӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ ва мукаммалгардонии механизми ташкилӣ-иқтисодии паст намудани таҳдидҳои амнияти молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ҷаҳонишавӣ, асоснок намуда, ба ҳимоя пешниҳод кардааст. Аз ҷумла:

– асосҳои назариявӣ ва методии таъсири ҷаҳонишавӣ ба амнияти молиявӣ муқаррар карда шудааст, хусусиятҳои хоси ҷаҳонишавии молиявӣ ошкор карда шуда, аз тарафи муаллиф таърифи нави амнияти молиявӣ пешкаш карда шуда, самтҳои асосии он ошкор ва вазифаҳояш мушаххас карда шудаанд.

– дар асоси таҳқиқи таҷрибаи хориҷии таъмини амнияти молиявӣ оқибатҳои мусбат ва таҳдидҳои ҷаҳонишавӣ ба низомҳои молиявии иқтисодиётҳои миллӣ мушаххас карда шуда, хусусияти муқовимати кишварҳо ба он бо дарназардошти мутобиқгардонии бахши молия ба ин раванд, истифодаи имкониятҳои байналмилаликунонии фаъолияти хоҷагидорӣ пешниҳод карда шудаанд, роҳҳои татбиқи механизмҳои пешрафтаи хориҷии таъмини амнияти молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шудааст.

- арзёбии вазъи муосир ва тамоюли устуворгардонии амнияти молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти таҳлили қимматҳои воқеӣ ва ҳадду ҳудудии нишондиҳандаҳои тавсифкунандаи ҳолати амнияти молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда шуда, омилҳои дохилӣ ва берунии таҳдидкунанда ба дараҷаи амнияти молиявии кишвар ошкор карда шуда, нишондиҳандаҳои низоми молиявии кишварро аз рӯи қиммати воқеӣ ва ҳадду ҳудудии он гурӯҳбандӣ карда шудаанд.

- асосҳои институтсионалии таъмини амнияти молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон мушаххас карда шуда, вазифаҳои ниҳодҳои таъмини амнияти молиявӣ муқаррар, роҳҳои самаранокгардонии сохтори институтсионалии амнияти молиявӣ пешниҳод карда шудааст, мушкилоти қонунгузорӣ дар самти таъмини амнияти молиявӣ ошкор карда шудаанд.

- самтҳои стратегии устуворгардонии амнияти молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ҷаҳонишавӣ пешниҳод карда шуда, таҳкими амнияти молиявӣ як раванди дарозмуҳлат арзёбӣ гардидааст, зарур шуморида шудааст, ки ҷустуҷӯи роҳҳои дастёбӣ ба он дар ячейкаҳои аввалини таъмини амнияти молиявӣ оғоз карда шавад.

- механизми ташкилӣ-иқтисодии паст намудани таҳдидҳои амнияти молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ҷаҳонишавӣ коркард карда шудааст, ки низоми доимоамалкунандаи ошкорсозӣ, арзёбӣ ва идоракунии таҳдидҳои молиявиро инъикос намуда, устувории низоми молиявиро кафолат медиҳад;

– тавсияҳои илмию амалӣ оид ба мукаммалсозии механизми назорати давлатии молиявӣ дар самти таъмини амнияти молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шудаанд. Исбот карда шудааст, ки татбиқи механизми пешниҳодшуда ба беҳтар шудани вазъи молиявии давлат, нигоҳдории нишондиҳандаҳои он дар минтақаи субот равона гардидааст.

**IV. Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда**

Асоснокӣ ва эътимоднокии муқаррароти илмӣ, хулосаҳо ва тавсияҳое, ки дар таҳқиқоти диссертатсионӣ пешниҳод шудаанд, дар натиҷаи таҳлили шумораи зиёди корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, таълифоти олимону муҳаққиқон доир ба масоили устуворгардонии амнияти молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ҷаҳонишавӣ, татбиқи усулҳои муосири ҷамъкунӣ ва коркарди иттилоот, инчунин истифодаи васеи маълумоти оморӣ ва усулҳои муосири таҳқиқот ба даст оварда шудаанд.

Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаву тавсияҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ бо натиҷаҳо ва навгониҳои илмии аз ҷониби муаллифи диссертатсия мустақилона ба даст овардашуда, муҳокимаи натиҷаҳои таҳқиқот дар конфронсҳои илмии байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ, инчунин интишороти натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшаванда тасдиқ гардидаанд.

**V. Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.**

Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот дар он аст, ки муқарраротӣ назариявии дар диссертатсия таҳия гардидаро метавон ҳамчун саҳми назаррас дар раванди устуворгардонии амнияти молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ҷаҳонишавӣ эътироф кард. Натиҷаҳои назариявии диссертатсия барои иҷрои таҳқиқоти илмӣ дар самти таъмини амнияти молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла мукаммалгардонии низоми аудити давлатӣ дар бахши молия ва буҷет, таъмини фаъолияти самаранокии низоми андоз, идоракунии самараноки қарзи хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, таъмини самаранокии ҳамкориҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бахши молия имконият фароҳам меоранд.

Аҳамияти амалии таҳқиқот дар он ифода мeёбад, ки муқаррарот ва тавсияҳои аз ҷамъбасти диссертатсия пешниҳодгардида метавонанд дар раванди таҳияи барномаҳои иҷтимоию иқтисодии таъмини амнияти молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми ҷалби қарзи хориҷӣ, Бонки миллии Тоҷикистон ҳангоми баҳодиҳии фаъолияти муассисаҳои қарзӣ, Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми таҳияи стратегияҳои таъмини амнияти молиявии мамлакат, такмили заминавию институтсионалии фаъолияти муассисаҳои молиявӣ, ҳамчунин ҳангоми омӯхтани фанҳои «Назарияи иқтисодӣ», «Амнияти иқтисодӣ», «Амнияти молиявӣ», «Пул қарз бонк» ва ғайра дар мактабҳои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода карда шаванд.

**VI. Тавсифи умумии кори диссертатсионӣ.**

Кори мазкур аз пешгуфтор, ки дар он мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот муайян гардидаанд, се боб, ки мазмуни умумии мавзуъро муайян менамоянд, иборат мебошад. Диссертатсия аз 182 саҳифаи матни компютерӣ иборат буда, дар он 22 ҷадвал ва 9 расм ҷой дода шудааст. Рӯйхати адабиёт аз 157 номгӯй иборат мебошад.

Дар муқаддима мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, дараҷаи навгонии илмӣ, мавзӯъ ва объекти таҳқиқот, асосҳои методологӣ ва назариявӣ, пойгоҳи иттилоотӣ асоснок карда шуда, инчунин муқаррароте махсус қайд карда шудаанд, ки навгонии илмӣ ва аҳамияти илмӣ-амалӣ, таъйидии натиҷаҳои бадастомадаро тавсиф менамоянд (С.4-14).

Дар боби якум “Асосҳои назариявии таъмини амнияти молиявии мамлакат дар шароити ҷаҳонишавӣ” ҷанбаҳои назариявии таҳқиқи ҷаҳонишавии молиявӣ дар шароити муосир мавриди баррасӣ қарор дода шуда, равишҳои методии арзёбии сатҳи амнияти молиявии мамлакат дар шароити ҷаҳонишавӣ таҳқиқ, ҳамчунин таҷрибаи хориҷии таъмини амнияти молиявӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ ва имконияти татбиқи он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди омӯзиш қарор дода шудааст (С.15-70).

Дар асоси таҳқиқи равишҳои назариявии таҳқиқи ҷаҳонишавии молиявӣ, моҳияту маънии мафҳумҳои поягии он, муаллиф таърифи мафҳуми ҷаҳонишавии молиявиро ҳамчун раванди объективии баҳамназдикшавӣ ва марҳилаи ниҳоӣ байналмилалишавии низомҳои миллии молиявӣ баррасӣ менамояд, ки маҷмӯи муносибатҳои хоҷагидориро дар самти банақшагирӣ, ҷамъоварӣ, истифодабарӣ ва идоракунии молияи ҷаҳонӣ, дар асоси ҷорӣ намудани стандартҳои ягонаи байналмилалӣ дар тамоми курраи ҷаҳон ифода менамояд (С.23).

Дар диссертатсия самтҳои асосии зуҳурёбии ҷаҳонишавии бахши молиявӣ мушаххас, бартарии ҳаракати озоди сармоя асоснок карда шуда, дараҷаи рушди низоми молиявӣ тавсиф карда мешавад. Ба андешаи муаллиф ҷаҳонишавии молиявӣ, ки ҷузъи ҷудонашавандаи ҷаҳонишавии иқтисодӣ ба ҳисоб меравад (С. 24). Муаллиф дар диссертатсия хусусиятҳои

муҳимтарини ҷаҳонишавии молиявиро муқаррар намуда, вазифаҳои асосии низоми молиявии мамлакатро дар сатҳи миллӣ асоснок менамояд, далелҳои мусбат ва манфии равандҳои ҷаҳонишавӣ мушаххас менамояд.

Муаллифи таҳқиқот бар он ақида аст, ки ҳар қадар бахши молиявии кишвар рушд кунад, ҳамон қадар фоидаи вуруди сармоя барои рушди иқтисодӣ бештар мешавад ва осебпазирии кишвар дар баробари буҳронҳо, ҳам мустақим ва ҳам бавосита камтар мешавад (С. 29).

Дар асоси таҳлили равишҳои методии арзёбии сатҳи амнияти молиявии мамлакат дар шароити ҷаҳонишавӣ муаллиф як қатор омилҳоеро ошкор менамояд, ки ҷаҳонишавии бозорҳои молиявӣ зери таъсири онҳо ба вуҷуд омадаанд. Дар асоси омӯзиши таҳқиқотҳои аввалия дар диссертатсия зернизомҳои амнияти молиявии мамлакат мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд, нишондиҳандаи амнияти молиявӣ вобаста ба маҷмӯи қимматҳои худудиашон, ки берун рафтан аз доираи онҳо ба вайронкунии низоми иҷтимоию иқтисодӣ ва зернизомҳои ба он алоқаманд оварда мерасонад муқаррар карда мешавад (40).

Натиҷаи таҳқиқоти аз ҷониби муаллиф иҷрогардида нишон медиҳад, ки дар таъмини амнияти молиявии мамлакат нақши ҳалкунандаро сифати механизми давлатии таъмини амнияти молиявӣ мебозад. Дар умум ба ақидаи муаллиф дар сатҳи давлатӣ таҳияи низоми маҷмӯи нишондиҳандаҳои амнияти молиявии кишвар ва арзишҳои ҳадди ниҳоии онҳо имкон медиҳад, ки сари вақт муносибатҳои молиявию иқтисодӣ мӯътадил гардонида шуда тамоюлҳои манфии он пешгирӣ карда шавад (с.46).

Дар асоси таҳқиқи таҷрибаи хориҷӣ дар диссертатсия муаллиф як қатор унсурҳо аз таҷрибаи ҷаҳониро барои татбиқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия дода, хулосабарорӣ менамояд, ки таъмини амнияти молиявии мамлакат дар шароити фаъолияти молиявии ноустувори имрӯза, нигоҳ доштани низоми молиявии бехатар, рақобатпазир, устувор бо мақсади пешгирии ҳолатҳои эҳтимолии буҳронӣ тақозо менамояд (С.68).

Дар боби дуюм “Арзёбии вазъи муосир ва тамоюли устуворгардонии амнияти молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ҷаҳонишавӣ” асосҳои институтсионалии таъмини амнияти молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳқиқ карда шуда, вазъи муосир ва қимматҳои ҳудудии таъмини амнияти молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамчунин таъсири бесуботии молиявии ҷаҳонӣ ба амнияти молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон арзёбӣ карда шудааст (С.71-106).

Дар дисертатсия асосҳои институтсионалии танзими таъмини амнияти молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар се сатҳ: сатҳи миллӣ, дар сатҳи соҳавӣ ва дар сатҳи корхонаҳо мавиди баррасӣ қарор дода шуда, заминаҳои ҳуқуқии танзими таъминоти амнияти молиявӣ аососнок карда шудаанд.

Муаллиф баъзе мушкилиҳоро дар самти таъмини амнияти молиявӣ дар бахши қонунгузории мамлакат ошкор намуда (78), барои мукаммал гардонидани фаъолияти институтҳои таъмини амнияти молиявии мамлакат ба роҳ мондани як қатор чораҳоро дар самти марказонидани равандҳои қабули қарорҳои давлатӣ, ворид намудани масъалаҳои таъмини амнияти молиявӣ дар ҳамаи меъёрҳои ҳуқуқии танзимикунандаи амнияти миллӣ ва молиявӣ зарур мешуморад (С.79-81).

Мо тавсияи муаллиф оид ба дақиқ муқаррар намудани мафҳумҳои консептуалии амнияти молиявиро дар қонунгузориҳои амалкунандаи мамлакат ва коркарди модели ҳуқуқии механизми таъмини манфиатҳои миллӣ дар соҳаи молия аз рӯи принсипи мутавозинӣ пурра ҷонибдорӣ менамоем.

Дар диссертатсия дар асоси таҳқиқи низоми нишондиҳандаҳои амнияти молиявӣ (сатҳи таваррум, нишондиҳандаи касри буҷет, ҳаҷми қарзи беруна, дороиҳои умумии низоми бонкӣ, меъёри кифоягии сармояи бонкҳо, афзоиши ҳаҷми пул ва ғ) дараҷаи эҷод таҳдид эҳтимолии онҳо ба ба амнияти молиявии мамлакат дақиқ карда шудааст (с.85-93). Муқаррар карда шудааст, ки дар шароити имрӯзаи рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти равандҳои ҷаҳонишавӣ нишондиҳандаҳои

сатҳи таваррум, ҳиссаи қарзи берунаи Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба ММД, афзоиши ҳаҷми пул нисбати солҳои пешина, ҳиссаи сандуқи қарзӣ нисбати дороиҳои ташкилотҳои қарзӣ – нишондиҳандаҳое мебошанд, ки бузургии онҳо нисбати қиммати ҳадди ҳудудии онҳо баланд аст ва дар самти таъмини амнияти молиявии мамлакат монеа эҷод менамоянд.

Аз нигоҳи муаллиф барои баланд бардоштани нақши молия дар рушди иқтисодии кишвар зарурати мукаммалгардонии низоми молиявии кишвар пеш омадааст, ки метавонад динамикаи рушди нишондиҳандаҳои молиявии кишварро устувор гардонида, стратегияи пурзӯр намудани таъсири он ба тамоми соҳаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии кишварро ташаккул диҳад (С. 94).

Дар асоси арзёбии таъсири бесуботии молиявии ҷаҳонӣ ба амнияти молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон муаллиф саривақт мутобиқат гардонидани низоми молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба таҳаввулоти сохтории дар индустрияи молиявии ҷаҳонӣ, зери таъсири технологияи рақамӣ бавуқуъоянда зарур мешуморад. Муаллиф собит менамояд, ки имрӯзҳо бар ивази моделҳои стандартии индустрияи молиявӣ сохторҳои гибридии он ба вуҷуд омадааст, ки сарҳадҳои ҷойдоштаро дар бозори молиявӣ пурра лағв намуда ба сарҳадҳои шартӣ мубаддал гардонидааст.

Дар диссертатсия хавфҳои институтсионалӣ, пулӣ, молиявӣ ва хавфҳои ба фаъолияти муассисаҳои низомсози молиявӣ мансуббуда, бо таъсири бесуботии молиявии ҷаҳонӣ пеш меояд муқаррар карда шуда, барои бартараф намудани онҳо коркарди низоми самараноки идоракунии хавфҳо зарур шуморида шудааст (104).

Ба андешаи муаллиф барои таъмини амнияти молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зарур аст, низоми доимоамалкунандаи баҳогузории таҳдидҳои беруна ба амнияти молиявии кишвар коркард карда шуда, низоми назорати самарабахш ба таъмини амнияти молиявии кишвар ташкил карда шавад (с.106).

Дар боби сеюм “Самтҳои асосии устуворгардонии амнияти молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ҷаҳонишавӣ” роҳҳои асосии устуворгардонии амнияти молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ҷаҳонишавӣ пешниҳод карда шуда, механизми ташкилӣ иқтисодии паст намудани таҳдидҳои амнияти молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ҷаҳонишавӣ коркард ва зарурати мукаммалгардонии назорати давлатии молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти таъмини амнияти молиявӣ асоснок карда шудааст (С.107-154).

Муаллиф бо гузаронидани таҳлили ояндадори вазъи имрӯзаи рушди бахши молия ва масъалаҳои ҳассос гардидани он, аз воқеаҳои дар хоҷагии ҷаҳонӣ бавуқӯъоянда як қатор роҳҳои устуворгардонии амнияти молиявии мамлакатро пешниҳод менамояд (С.108-122).

Дар диссертатсия таҳдидҳои амнияти молиявии мамлакат дар шароити ҷаҳонишавӣ гурӯҳбандӣ карда шуда, қисматҳои таҳдидҳои амнияти молиявӣ ба бахши молияю андоз, бонкдорию қарзӣ, соҳаи муомилоти молия ва пул, соҳаи маблаггузорӣ ва бозори асъор муқаррар карда шудаанд (С.126,127).

Мо нуқтаи назари муаллифро оид ба самаранокгардонии ҷалб ва истифодаи воситаҳои қарзии ташкилотҳои байналмилалии молиявию иқтисодӣ дар самти таъмини амнияти молиявии давлат пурра дастгирӣ менамоем.

Ҳолибияти махсусро дар диссертатсия таҳияи механизми назорати давлатии молиявӣ дар самти таъмини амнияти молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон касб менамояд (с.145). Ба ақидаи муаллиф дар шароити муосир бо мақсади баланд бардоштани самаранокии назорати доимии молиявӣ ва буҷетӣ аз технологияҳои нави иттилоотӣ васеъ истифода бурдан зарур аст (с.152).

Дар асоси ҷамъбасти натиҷаҳои бадастомада дар диссертатсия пешниҳод карда шудааст, ки стратегияи таъмини амнияти молиявии мамлакат қабул карда шуда, дар он самти нави рушди иқтисодиёт,

пайдарҳамии чораҳои татбиқшаванда, ки барои нигоҳдории сатҳи устувори рушди иқтисодӣ мусоидат менамоянд, муқаррар карда шавад. (С.160).

Дар хулосаву пешниҳодот натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ ҷамъбаст гардидаанд.

**VII. Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб дар диссертатсия.**

Новобаста аз он, ки пурра ҷанбаҳои мусбати кори тақризшавандаро зикр намудем, баъзе камбудиҳои алоҳидаи онро низ қайд кардан лозим аст, ба монанди:

1. Сифати кор боз ҳам беҳтар мешуд, агар муаллиф ҳангоми омӯзиши равишҳои назариявии таҳқиқи ҷаҳонишавии молиявӣ дар шароити муосир фарқияти мафҳумҳои “ҷаҳонишавии молиявӣ” ва “байналмиллаликунонии бахши молия”-ро возеҳтар ҷудо намуда, дар баробари қоидаи муаллифии “амнияти молиявӣ”, қоидаи муаллифии амнияти иқтисодиро пешниҳод менамуд.

2. Дар расми 1. “Зернизомҳои амнияти молиявии мамлакат” бештар ҷойгоҳи амнияти молиявӣ дар амнияти иқтисодӣ хуб нишон дода шудааст. Сифати кор боз ҳам беҳтар мегардид агар дигар унсурҳои амнияти иқтисодӣ дар ин ҷойгоҳ васеътар шарҳ дода мешуд.

3. .Натиҷаи таҳлили гузаронидашуда нишон медиҳад, ки сатҳи таваррум нисбат ба молҳои озуқаворӣ дар соли 2020 то 12,5% расидааст, ки аллакай аз минтақаи субот берун гардидааст ва эҳтимолияти таъсиррасонии он ба амнияти молиявии кишвар ва нигоҳдории сатҳи некӯаҳволии мардум зиёд гардидааст. Аммо дар диссертатсия роҳҳои паст кардани таваррум ва баргардонидани он ба минтақаи субот ба таври муфассал оварда нашудааст.

4. Таҳқиқоти гузаронидаи муаллиф бештар ба арзёбии вазъи муосир ва қимматҳои ҳудудии таъмини амнияти молиявӣ ҳамчун қисми муҳими амнияти иқтисодӣ маҳдуд мегардад. Сифати кор боз ҳам беҳтар

мегардид, агар аз тарафи муаллиф таҳлили муқоисавӣ вазъи амнияти молиявӣ нисбат ба амнияти озуқаворӣ низ гузаронида мешуд.

5. Дар зербоби 3.3. "Таъмини амнияти молиявӣ ба воситаи мукаммалгардонии назорати давлатии молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" дар асоси арзёбии фаъолияти Палатаи ҳисоб дар самти назорати давлатии молиявӣ ба роҳ монда шудааст. Сифати кор боз ҳам беҳтар мегардид, агар муаллиф фаъолияти дигар мақомоти давлатӣ дар соҳаи назорати давлатии молиявиро ба мисли Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Бонки миллии Тоҷикистон, мақомоти андоз ва гумрук дар самти таъмини амнияти молиявӣ низ мариди арзёбӣ қарор менамуд.

6. Дар боби сеюм мавқеи махсусро тарҳрезии "Стратегияи таъмини амнияти молиявии мамлакат касб менамояд. Аммо сарчашмаҳои маблаггузории чунин стратегия аз тарафи муаллиф нишон дода намешавад.

Бо ибрози чунин нуқтаи назар метавон гуфт, ки диссертатсияи Изатуллои Ҳабибзод ба камбудиҳои номбар кардашуда нигоҳ накарда дар сатҳи зарурӣ омода карда шудааст ва аз ҷиҳати мазмун мутобиқи талаботҳои мавҷуда мебошад.

**VIII. Мувофиқати диссертатсия ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба «тартиби додани дараҷаи илмӣ»**

Автореферат фарогири мундариҷаи диссертатсия буда, интишороти муаллиф дар сатҳи кофӣ мундариҷаи корро дар бар мегиранд.

Умуман диссертатсияи Изатуллои Ҳабибзод дар мавзӯи "Самтҳои асосии устуворгардонии амнияти молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ҷаҳонишавӣ" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D051000 – Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (Амнияти иқтисодӣ) дар сатҳи баланди илмӣ–методӣ иҷро гардида, ба талаботҳои комиссияи Олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бандҳои 31 ва 33-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвонҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати

Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст» мувофиқ буда, муаллифи он сазовори додани дараҷаи илмии **доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D051000** – Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (Амнияти иқтисодӣ) мебошад.


**Муқарризи расмӣ,**
**профессори кафедраи иктисод ва идораи сайёҳии факултети молиявию иктисодии Доништохи миллии Точикистон, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор,** **Умаров Ҳ.У.**
**Суроға: 734025, Ҷумхурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ,17, Тел.: (+992 37) 221-77-11 E-mail: info@tnu.tj Сомона: www.tnu.tj**


Имзои Умаров Ҳоҷимаҳмад Умарович –доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, профессори кафедраи иқтисод ва идораи сайёҳии факултаи молиявию иқтисодии Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро тасдиқ менамоям.

Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Тавқиев Э.Ш.